# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба кори диссертатсионии Маҳмудов Исмоилҷон Маҳмудҷонович дар мавзӯи «Ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ бо истифодаи технологияҳои муосир (дар раванди таълими математика)» барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ).**

Рушди техника ва технологияҳои муосир, торафт афзудани мавқеъ ва аҳамияти онҳо дар тамоми соҳаҳои ҳаёт, аз он ҷумла, низоми таҳсилот, ҳамчунин, баланд шудани сатҳи талаботи ҷомеа ба салоҳияти касбии омӯзгорон дар маркази таваҷҷуҳи илми педагогика қарор гирифтани муаммои таҳқиқи имконияти истифодаи технологияҳои муосирро бо мақсади ташаккул додани салоҳияти касбии омӯзгорони оянда асоснок менамояд.

Кори таҳқиқотии Маҳмудов Исмоилҷон Маҳмудҷонович ба яке аз мавзӯъҳои мубрам ихтисос ёфта, асосан ба таҳқиқи воситаҳои техникии таълим нигаронида шудааст, хусусан, ки то имрӯз дар раванди таълим ба диапроекторҳо ва сабти садо бештар эътибор дода шуда, воситаҳои техникии дигар, аз қабили диафилмҳо ва кинофилмҳо аз доираи назари муҳаққиқон берун мондаанд. Бо вуҷуди аз байн рафтани телевизионҳои марказии таълимӣ, омӯзишу баррасии нақши телевизионҳои спутникии таълим, ки имрӯз хеле рушд кардаанд, барои муайян намудани ҷиҳатҳои гуногуни воситаҳои техникии таълим ва истифодаи онҳо аҳамияти махсус дорад.

Таҳқиқ ва муайян намудани имконияти дидактикии воситаҳои техникӣ дар раванди таълим аз вазифаҳои муҳиму саривақтии муҳаққиқони соҳаи педагогика ба шумор меравад, зеро дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ ва инкишофи босуръати илму техника танҳо бо дониши замонавӣ таъмин будани омӯзгор кифоя набуда, маҳорату малакаи истифодаи самараноки технологияҳои гуногун яке аз роҳҳои ноил гардидани ӯ ба мақсадҳои волоӣ педагогӣ ба шумор меравад.

Барои пурра намудан ва тақвият бахшидани раванди таълим татбиқи дидгоҳи босалоҳият мавқеи хосса дорад ва бо вуҷуди маъниҳои гуногуни мафҳуми салоҳият, дар доираи салоҳиятнокӣ ҷузъҳои он бо ҳам алоқаманд гардида, дар яклухтӣ бо тақвияти мутақобил мундариҷаи ҳамдигарро пурра менамояд.

Унвонҷӯй зимни баррасии унсурҳои асосии салоҳияти касбӣ ба хулосае мерасад, ки он ангезадиҳандаи тафаккури эҷодӣ ва қувваи таҳрикбахш буда, омӯзгорро ба фаъолияти пурсамар ҳидоят менамояд.

Бо назардошти талаботи нави ҷомеаи муосир дар назди омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ҳангоми омодагӣ ба дарсҳо муаммои шавқовару босалоҳият ташкил намудани машғулиятҳо меистад, ки аз ҷониби хонандагон самарабахш омӯхтани маводи таълим ва шавқманд намудани онҳоро кафолат диҳад. Матлабҳои назариявӣ, хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои мушаххас оид ба маҷмӯи донишҳои барномавие, ки имрӯз дар мактабҳо ҷорӣ мебошанд, ба талаботи нави ҷомеаи муосир ҷавобгӯй нест, бинобар ин, технологияи дар доираи таҳқиқоти мазкур таҳия ва озмудашуда барои ҳалли ин муаммо нигаронида шудааст.

Аҳамияти назариявии таҳқиқотро бо нуктае низ таъмин мегардад, ки асосҳои назариявии мафҳуми салоҳияти педагогии омӯзгор ҳамчун кулли донишҳои инфиродӣ таъйин гардиданд, ки барои инкишофи минбаъдаи қобилияти зеҳнӣ ва эҷодии омӯзгорон, афзудани талаботи онҳо ба дарки моҳияти рӯйдодҳо мусоидат мекунанд. Дар ин замина, омилҳои ташаккули салоҳиятнокии педагогии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ дар шароити таълими донишгоҳӣ баррасӣ ва дақиқ шудаанд.

Доираи кофии манбаъҳои илмиву методӣ, мутобиқати ҳадафу вазифаҳо, фарзияи илмӣ ба мавзӯи таҳқиқот, интихоби методология ва пойгоҳи озмоиши мувофиқ ба унвонҷӯй имкон додаанд, ки ба як қатор навовариҳои илмии дорои аҳамияти муайяни назариявӣ ва амалӣ муваффақ гардад.

Боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқот бо муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳо, амиқии кори назариявӣ ва методологӣ, мутобиқати усулҳои таҳқиқ, такя ба репрезентативӣ будани маълумоти бадастомада, таҳлили таҷрибаи муаллиф ба сифати омӯзгор, татбиқи натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ - озмоишӣ дар шароити шабеҳ, мувофиқати таҳқиқоти илмӣ ва озмоишӣ - таҷрибавӣ, таҳлили сифатӣ ва миқдории натиҷаҳои бадастомада, истифодаи усулҳои оморӣ зимни коркарди маълумотҳо, истифодаи маҷмӯи усулҳои илмии мутобиқ ба фарзияи кор, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, таҷрибаи кории унвонҷӯй дар кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимӣ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» таъмин гардидааст.

Унвонҷӯй дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ вазифаҳоро оид ба муайян намудани сатҳи ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ва татбиқи технологияи ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоиро (дар раванди таълими математика) тариқи озмоиши педагогӣ пурра иҷро намуда, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардид.

Хулосаҳои назариявию натиҷаҳои илмӣ, тавсияҳои Маҳмудов И.М. дар мундариҷаи диссертатсия ва дар муҳтавои умумии автореферати диссертатсия инъикос ёфтаанд.

Дар давоми фаъолияти омӯзгорӣ ва илмии унвонҷӯй 11 мақолаи илмии ӯ оид ба мавзӯи таҳқиқот, аз он ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризии КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 6 мақолаи илмӣ дар рӯзнома ва маҷаллаҳои байналмилалии Федератсияи Русия интишор ёфтанд. Ҳамчунин, 1 дастури таълимии унвонҷӯй «Рангубори маснуот» аз чоп баромад.

Диссертатсияи номзадии Маҳмудов И.М. дар мавзӯи «Ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ бо истифодаи технологияҳои муосир (дар раванди таълими математика)» кори анҷомёфтаи илмӣ ва тахассусӣ буда, хулосаву натиҷаҳои илмии он дар

илму амалияи педагогии ҷумҳурӣ дар ҳалли муаммои педагогии ташаккули салоҳиятнокии касбии омӯзгорони оянда бо истифодаи технологияҳои муосир саҳми муайян мегузорад.

Диссертатсия ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он – Маҳмудов Исмоилҷон Маҳмудҷонович шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошад.

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи технология ва методикаи таълими МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" — Исломов Озод Азимович

Имзои О.А. Исломов-ро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ-и МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" — Ашрапова З.Н.

**Маълумот барои тамос:**
**суроға:** 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, к.Мавлонбеков,1.
тел. (+992)927388887 Почтаи электронӣ: ddhkadr@mail.ru